# ҚАРОРИ
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «26» ноябри соли 2022 №04 ш. Душанбе

Дар хусуси иҷрои «Нақшаи чорабиниҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҷиҳати амалӣ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, зимни мулоқот бо кормандони соҳаҳои илму маориф ва эҷоди мамлакат» аз 18 марти соли 2020

Шурои олимони Донишгоҳ гузориши раиси Комиссияи Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Аминов Ф.А. - ро дар хусуси иҷрои «Нақшаи чорабиниҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҷиҳати амалӣ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, зимни мулоқот бо кормандони соҳаҳои илму маориф ва эҷоди мамлакат» аз 18 марти соли 2020 баррасӣ намуда,

## ҚАРОР КАРД:

1. Гӯзориши Комиссия оид ба иҷрои «Нақшаи чорабиниҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҷиҳати амалӣ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, зимни мулоқот бо кормандони соҳаҳои илму маориф ва эҷоди мамлакат» аз 18 марти соли 2020 ба инобат гирифта шавад.
2. Раёсати Донишгоҳ барои таъмини заминаи моддӣ-техникии озмоишгоҳҳои илмию таълимии Донишгоҳ бо таҷҳизоту лавозимоти зарурӣ барои солҳои 2023-2025 мусоидат намояд.
3. Садоратҳои факултетҳои физика, химия, биология ва геология вазифадор карда шаванд, ки дар хусуси татбиқ намудани ихтироoти техникӣ чораҳои зарурӣ андешанд.
4. Ба раёсатҳои илм ва инноватсия, шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ, садоратҳои факултетҳои физика, химия, биология ва механикаю математика супориш дода шавад, ки барои дар сатҳи баланд баргузор намудани олимпиадаҳои байналмилалӣ аз фанҳои физика, математика, химия ва биология фаъолияти муштарак ва мунтазамро ба роҳ монанд.
5. Раёсатҳои илм ва инноватсия, шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ дар ҳамкорӣ бо садоратҳои факултетҳои механикаю математика, физика, химия, биология ва геология дар хусуси ташкили лоиҳаҳои инноватсионӣ байни донишҷӯён, магистрантҳо, докторантон ва омӯзгорони ДМТ мунтазам чораҳои зарурӣ андешанд.

6. Бо мақсади истифодаи самараноки фаъолияти таълимӣ ва илмию таҳқиқотӣ раёсатҳои таълим, илм ва инноватсия стандартҳои таълимию илмиро таҷдиди назар намуда, чорабиниҳои нақшавиро коркард намуда дар мувофиқа бо раёсати Донишгоҳ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон саривақт барои тасдиқ, пешниҳод намоянд.

7. Раёсатҳои илм ва инноватсия, кадрҳо ва корҳои махсус, дар хусуси ҳавасмандгардонии олимоне, ки ихтироотошон дар истеҳсолот ҷорӣ шудаанд, мусоидат намоянд.

8. Раёсатҳои таълим, илм ва инноватсия, шуъбаи тарбия ҷиҳати тарғиби фанҳои дақиқ, риёзӣ ва табиатшиносӣ ҳамкории судмандро бо маҷаллаю рӯзномаҳо, сайтҳои иҷтимоӣ, хусусан шабакаи «Илм ва табиат» боз ҳам беҳтар карда шаванд.

9. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Сафармамадзода С. М. вогузор карда шавад.

Раиси Шурои олимони ДМТ — Хушвахтзода Қ.Х.

Котиби илмии Шурои олимони ДМТ — Солеҳзода Г.Д.

# ҚАРОРИ
## Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «26» ноябри соли 2022 №04 ш. Душанбе

Оид ба натиҷаи мониторинги сифати таҳсилот дар факултетҳои биология, физика, механикаю математика, геология, химия, фарматсевтӣ ва кафедраҳои умумидонишгоҳӣ

Шурои олимони Донишгоҳ гузориши роҳбари гурӯҳи корӣ, сардори шуъбаи назорати сифати таҳсилот С.Ш. Шарифзодаро «Оид ба натиҷаи мониторинги сифати таҳсилот дар факултетҳои биология, физика, механикаю математика, геология, химия, фарматсевтӣ ва кафедраҳои умумидонишгоҳӣ» шунида ва муҳокима намуда,

## ҚАРОР КАРД:

1. Гузориши роҳбари гурӯҳи корӣ, сардори шуъбаи назорати сифати таҳсилот Шарифзода С.Ш. «Оид ба натиҷаи мониторинги сифати таҳсилот дар факултетҳои биология, физика, механикаю математика, геология, химия, фарматсевтӣ ва кафедраҳои умумидонишгоҳӣ» ба инобат гирифта шавад.

2. Декани факултетҳои биология, физика, механикаю математика, геология, химия, фарматсевтӣ ва мудирони кафедраҳои умумидонишгоҳӣ вазифадор карда шаванд:

2.1. маълумотнома ва қарори Шурои олимони Донишгоҳро дар бораи натиҷаи сифати таҳсилот дар ҷаласаҳои Шурои олимони факултетҳои мазкур ва ҷаласаҳои кафедраҳои умумидонишгоҳӣ мавриди баррасӣ қарор дода, оид ба ислоҳи камбудию норасоиҳо нақшаи чорабиниҳо таҳия ва тасдиқ намуда, иҷрои онро то оғози нимсолаи дуюм таъмин намоянд;

2.2. фаъолияти таълимию методии омӯзгорони доимии дорои дараҷа ва унвони илмии то синни 35-соларо ба талаботи меъёрӣ мувофиқ кунонанд;

2.3. омода ва нашри барномаҳои таълимӣ ва нақшаи кории кафедраҳоро зери назорати қатъӣ қарор дода, то санаи 10.01.2023 маълумотномаи мушаххасро аз натиҷаи иҷрои он ба ректори донишгоҳ, профессор Хушвахтзода Қ.Х. манзур созанд;

2.4. садорати факултетҳоро зарур аст, ки ҷузвдони алоҳида оид ба солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ва «Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалигардонии Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025»-ро на танҳо дар садорати факултетҳо балки мавҷуд будани онро дар кафедраҳои худ зери назорати қатъӣ қарор диҳанд;

2.5. садорати факултет ва махсусан эдвайзеронро зарур аст, ки баҳои донишҷӯёнро сари вақт дар дафтарчаҳои имтиҳонӣ ва варақаҳои шахсӣ гузаронида, имзои омӯзгорони дарсдиҳанда ва муҳру имзои декани факултет гузошта шавад;

2.6. нисбати мудирони кафедраҳое, ки камбудӣ ва эродҳои гирифтаи Раёсати Донишгоҳро бартараф накардаанд, чораҳои зарурӣ андешанд;

2.7. нисбат ба донишҷӯёни дарсшикан муҷозоти интизомӣ ва нисбат ба донишҷуёни фаъол бошад чораҳои ҳавасмандгардонӣ татбиқ карда шавад.

3. Раисони Шурои илмию методии факултетҳои биология, физика, механикаю математика, геология, химия, фарматсевтӣ ва мудирони кафедраҳои умумидонишгоҳӣ вазифадор карда шаванд:

3.1. раисони Шурои илмию методии факултетҳо дар самти ҷустуҷӯи роҳҳои беҳтар кардани сифати машғулиятҳои таълимӣ, бо роҳи иштирок дар лексияҳои омӯзгорони пуртаҷриба, инчунин, ҷалби омӯзгорони ҷавон ба курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо беҳтар намоянд;

3.2. мавҷудияти силлабусҳои омӯзгорон ва дурустии миқдори кредиту соатҳои дарсиро зери назорати ҷиддӣ қарор диҳанд;

3.3. мавзӯъҳои лексионии омӯзгорон, ҳаҷми кредит ва миқдори соатҳои онро бо силлабус ва барномаҳои таълимии фанҳои дахлдор зери назорати ҷиддӣ қарор дода, аз натиҷаи иҷрои он то санаи 10.02.2023 ба раёсати Донишгоҳ маълумотномаи мушаххас пешниҳод намоянд;

3.4. шумора ва сифати корҳои курсӣ, рисолаҳои дипломӣ, рисолаҳои тахассусии хатм, рисолаҳои магистрӣ ва рӯзномаҳои таҷрибаомӯзиро зери назорати қатъӣ қарор дода, тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор омода карда шаванд;

3.5. баргузории дарсҳои кушод ва дарсҳои баҳамдигардароии омӯзгоронро зери назорати қатъӣ қарор диҳанд ва қарорҳои дахлдорро сари вақт қабул намоянд;

4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим Собирзода Н.М. вогузор карда шавад.

Раиси Шурои олимони ДМТ — Хушвахтзода Қ.Х.

Котиби илмии Шурои олимони ДМТ — Солеҳзода Г.Д.

**ҚАРОРИ**
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «26» ноябри соли 2022 №04 ш. Душанбе

Оид ба фаъолияти Парки технологии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар соли 2022

Шурои олимони Донишгоҳ ҳисоботи директори Парки технологии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Р. Юсуфовро «Оид ба фаъолияти Парки технологии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар соли 2022» шунида ва баррасӣ намуда,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Ҳисоботи директори Парки технологии Донишгоҳро Р.Юсуфов «Оид ба фаъолияти Парки технологии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар соли 2022» қаноатбахш ҳисобида шавад.
2. Садорати факултетҳо вазифадор карда шаванд, ки барои ба Парки технологии Донишгоҳ сафарбар намудани устодон ва донишҷӯёни ихтирокору навовар чораҳои зарурӣ андешанд.
3. Ба директори Парки технологии Донишгоҳ Р.Юсуфов супориш дода шавад:
3.1. ҳамкории самарабахши Парки технологии Донишгоҳро бо ташкилоту корхонаҳои истеҳсолии кишвар ҷиҳати татбиқ намудани натиҷаи корҳои илмию таҳқиқотӣ дар истеҳсолот ба роҳ монад;
3.2. барои ҷалби ҳарчӣ бештари омӯзгорону донишҷӯёни ихтирокор ҷиҳати ба роҳ мондани ихтироҳои наву замонавӣ ва дар ин замина ҷустуҷӯи роҳҳои омода намудани технологияи роботӣ ҷораандешӣ намояд;
3.3. ҷиҳати таъсиси коргоҳҳои хурди истеҳсолӣ, аз ҷумла коргоҳи коркарди атласу адрас чораҳои фаврӣ андешад;
3.4. корро дар самти дарёфти лоиҳаҳои грантӣ тавассути ҷалби омӯзгорону донишҷӯёни навовар дар самти равияҳои табиатшиносию риёзӣ тақвият бахшад;
3.5. аз заминҳо ва пойгоҳҳои мавҷудаи Донишгоҳ самаронок истифода бурда, барои роҳҳои коркарди маҳсулоти хоҷагии халқ аз заминҳои мазкур ҷорандешӣ намояд.
4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Сафармамадзода С.М. вогузор карда шавад.

Раиси Шурои
олимони ДМТ Хушвахтзода Қ.Х.

Котиби илмии
Шурои олимони ДМТ Солеҳзода Г.Д.

# ҚАРОРИ

Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «26» ноябри соли 2022, №04 ш. Душанбе

Дар бораи рафти иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» аз 30.08.2019, №438

Шурои олимони Донишгоҳ ҳисоботи декани факултети филологияи рус Мухаметов Г.Б ва мудири кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳ Раҳимов М.С дар бораи рафти иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» аз 30.08.2019, №438 дар соли 2022 баррасӣ намуда,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Ҳисоботи декани факултети филологияи рус Мухаметов Г.Б ва мудири кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳ Раҳимов М.С дар бораи рафти иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» аз 30 08.2019, №438 дар соли ҷорӣ қаноатбахш ҳисобида шавад.
2. Омӯзиши фанҳои «Забони русӣ» ва «Забони англисӣ» дар ҳамаи факултетҳо дар нимсолаи якум ва дуюм дар асоси барномаи таълимӣ ба роҳ монда шавад.
3. Механизмҳо ва роҳу усулҳои нави омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ, омода намудани маводҳои ёрирасони таълимӣ, вожаномаҳо, китобҳои дарсии тезомӯз дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шавад.
4. Кафедраҳои марбутаи факултет бо якҷоягии Маркази омӯзиши забонҳои Донишгоҳ ва Маркази русӣ барои баргузории курсҳои кутоҳмуддати омӯзиши забонҳои англисӣ, русӣ, немисӣ, фаронсавӣ ва лотинӣ ба донишҷӯёни Донишгоҳ, унвонҷӯён, устодони ҷавон чораҳои зарурӣ андешанд ва ҷиҳати роҳандозии он мусоидат намоянд.
5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим Собирзода Н.М. вогузор карда шавад.

Раиси Шурои олимони ДМТ — Хушвахтзода Қ.Х.

Котиби илмии Шурои олимони ДМТ — Солеҳзода Г.Д.

# ҚАРОРИ

Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «26» ноябри соли 2022 №04 ш. Душанбе

Оид ба «Натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар соли 2022»

Шурои олимони Донишгоҳ ҳисоботи директори Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон С.И. Раҷабзодаро дар бораи «Натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар соли 2022» баррасӣ намуда,

## ҚАРОР КАРД:

1. Ҳисоботи директори Институт С.И. Раҷабзода дар бораи «Натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар соли 2022» қаноатбахш ҳисобида шавад.

2. Раёсати Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон вазифадор карда шавад:

2.1. назоратро оид ба баланд бардоштани сифати корҳои хатмкунӣ ва магистрии фанҳои илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин барои таъмин намудани қурби натиҷаҳои илмию таҳқиқотӣ: рисолаҳои номзадӣ, докторӣ ва муайян намудани дараҷаи ихтироот (мақолаҳои илмӣ, фишурдаи мақолаҳо, патенту нахуспатентҳо) бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва илм пурзӯр намуда, минбаъд то ҳимоя (пеш аз ҳимоя) намудани корҳои хатмкунӣ, магистрӣ, рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ оид ба додани ё тарзи пешниҳод намудани хулосаи илмӣ аз тарафи Институти илмию таҳқиқотӣ чораҳои зарурӣ андешад;

2.2. робитаҳои илмиро бо истеҳсолот ва ҷараёни таълим, ки дар асоси хулосаи илмӣ аз тарафи Институти илмию таҳқиқотӣ дода мешавад, мустаҳкам намояд.

3. Ба мудирони шуъбаҳо ва роҳбарони мавзуъҳои илмӣ супориш дода шавад:

3.1. рафти иҷрои саривақтии нақшаи кории кормандони илмиро зери назорати қатъӣ қарор дода, ҳар семоҳа ба раёсати Институт ҳисобот мувофиқ ба талаботҳои мавҷуда пешниҳод намоянд;

3.2. роҳу усулҳои дар муассисаҳои ҷумҳурӣ (истеҳсолот ва ҷараёни таълим) татбиқ намудани дастовардҳои лоиҳаҳои илмиро ҷустуҷӯ намоянд;

3.3. барои ба корҳои илмӣ ҷалб намудани донишҷӯёни болаёқат ва минбаъд ба магистрантура ва доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос сафарбар намудани онҳо дар доираи мавзуъҳои лоиҳаҳои илмӣ кушиш намуда, чораҳои зарурӣ андешанд.

4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Сафармамадзода С.М. вогузор карда шавад.

Раиси Шурои
олимони ДМТ — Хушвахтзода Қ.Х.

Котиби илмии
Шурои олимони ДМТ — Солеҳзода Г.Д.

# ҚАРОРИ

Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «26» ноябри соли 2022 №04 ш. Душанбе

Оид ба фаъолияти Маркази русии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар соли 2022

Шурои олимони Донишгоҳ ҳисоботи роҳбари Маркази русии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровнаро дар хусуси фаъолияти Маркази русии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар соли 2022 шунида ва баррасӣ намуда,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Ҳисоботи роҳбари Маркази русии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Нағзибекова М.Б. дар хусуси фаъолияти Маркази русии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар соли 2022 қаноатбахш ҳисобида шавад.
2. Роҳбарияти Маркази русии Донишгоҳ вазифадор карда шавад:

2.1. ҳамкориро бо “Марказҳои русӣ”- и хориҷӣ ба роҳ монда, мубодилаи доимиро бо мутахассисони баландихтисоси кишварҳои хориҷӣ роҳандозӣ намояд;

2.2. ҷиҳати ҷалби мутахассисони ҷавону унвонҷӯён ва муҳаққиқон ба корҳои таҳқиқотӣ дар доираи Марказ корбарӣ намояд;

2.3. дар доираи нақшаи фаъолияти Донишгоҳ ва Марказ чорабиниҳои гуногуни мазмуни илмию фарҳангӣ дошта баргузор намояд;

2.4. дар чорабиниҳои Марказ донишҷӯён ва хонандагони литсейро бештар ҷалб намояд;

2.5. омӯзиши забони русиро дар хобгоҳҳои донишҷӯён бароҳ монда, эълон вобаста ба курси омӯзиши забони русӣ дар сомонаҳои иҷтимоӣ гузошта шавад;

2.6. ҷиҳати тарҷумаи китобҳо, васоитҳо, дастурҳои методӣ, мақолаҳои илмӣ гуруҳи корӣ аз ҷониби Марказ ташкил карда шавад.

3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ Ғаффорзода И.Ғ вогузор карда шавад.

Раиси Шурои
олимони ДМТ Хушвахтзода Қ.Х.

Котиби илмии
Шурои олимони ДМТ Солеҳзода Г.Д.

**Қарори**
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «26» ноябри соли 2022, №04 ш. Душанбе

Оид ба «Муқаррар намудани маоши хизматӣ»

Шурои олимони Донишгоҳ аризаҳои муаллимони калони кафедраи дунёи қадим ва асрҳои миёнаи факултети таърих Муродов Назримад Сафарович ва кафедраи забонҳои хориҷии факултети журналистика Қулматова Гулнора Тураевнаро баррасӣ намуда,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқаррар кардани иловапулӣ ба маоши шахсони дорандаи унвони илмӣ ва ҷудо намудани маблағ барои баланд бардоштани андозаи ҳадди ақали подоши хизматии эҷодкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 1 июли соли 1999, №250 ба маоши Муродов Н.С. (н.и.т. аз 02 ноябри соли 2022, №1439/нк) ва Қулматова Г.Т. (н.и.ф. аз 02 ноябри соли 2022, №1438/нк) ба андозаи 30 фоизи маоши хизматӣ муқаррар карда шавад.
2. Ба сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Тавқиев Э.Ш. супориш дода шавад, ки ҷиҳати иҷрои банди якуми қарори мазкур лоиҳаи фармоишро барои ба тасвиб расонидан ба ректор манзур намояд.
3. Сардори раёсати муҳосибот Хайруллоев С.Қ. вазифадор карда шавад, ки ҷиҳати иҷрои банди якуми қарори мазкур чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Сафармамадзода С.М. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

Котиби Шуро Солеҳзода Г.Д.

**Қарори**
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «26» ноябри соли 2022 №04 ш. Душанбе

Оид ба тасдиқ намудани мавзуи рисолаи докторӣ

Шурои олимони Донишгоҳ гузориши муовини ректор оид ба илм ва инноватсия С. М. Сафармамадзодаро дар хусуси тасдиқ намудани мавзуи рисолаи доктории номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷики факултети филология Ҳайдаров Муҳаммадёр Маҳмадумаровичро (дар мавзуи «Таркиби луғавии забони адабии муосири тоҷикӣ аз нуқтаи назари ифодаи муассирӣ») шунида ва баррасӣ намуда,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Гузориши муовини ректор оид ба илм ва инноватсия С.М. Сафармамадзода дар хусуси тасдиқ намудани мавзуи рисолаи доктории номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷики факултети филология Ҳайдаров Муҳаммадёр Маҳмадумарович ба инобат гирифта шавад.
2. Мавзуи рисолаи доктории Ҳайдаров М.М. «Таркиби луғавии забони адабии муосири тоҷикӣ аз нуқтаи назари ифодаи муассирӣ» тасдиқ карда шавад.
3. Мушовири илмии мавзуи рисолаи доктории Ҳайдаров М.М. доктори илмҳои филология, профессор Саломиён М.Қ. таъин карда шавад.
4. Назорат ва иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Сафармамадзода С.М. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

Котиби Шуро Солеҳзода Г.Д.

**Қарори**
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «26» ноябри соли 2022, №04 ш. Душанбе

Оид ба тасдиқ намудани мавзуи рисолаи докторӣ

Шурои олимони Донишгоҳ гузориши муовини ректор оид ба илм ва инноватсия С. М. Сафармамадзодаро дар хусуси тасдиқ намудани мавзуи рисолаи доктории номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент Арабов Фирдавс Пулодовичро (дар мавзуи «Совершенствование механизма инвестиционного обеспечения эколого-экономического развития сельского хозяйства (теория и практика)») шунида ва баррасӣ намуда,

**ҚАРОР КАРД:**

1.Гузориши муовини ректор оид ба илм ва инноватсия С.М. Сафармамадзода дар хусуси тасдиқ намудани мавзуи рисолаи доктории номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент Арабов Фирдавс Пулодович дар кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии корхонаҳои агросаноатии факултети иқтисод ва идора ба инобат гирифта шавад.

2.Мавзуи рисолаи доктории Арабов Ф.П. «Совершенствование механизма инвестиционного обеспечения эколого-экономического развития сельского хозяйства (теория и практика)» тасдиқ карда шавад.

3.Мушовири илмии мавзуи рисолаи доктории Арабов Ф.П. доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифов З.Р. таъин карда шавад.

4.Назорат ва иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Сафармамадзода С.М. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

Котиби Шуро Солеҳзода Г.Д.

**Қарори**
Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «26» ноябри соли 2022 №04 ш. Душанбе

Оид ба тағйир ва тасдиқ намудани мавзуи рисолаи докторӣ

Шурои олимони Донишгоҳ гузориши муовини ректор оид ба илм ва инноватсия С. М. Сафармамадзодаро дар хусуси тағйири мавзуъ ва тасдиқ намудани мавзуи рисолаи доктории номзади илмҳои техникӣ, дотсент, мудири кафедраи информатикаи факултети механикаю математика Саидзода Исроил Маҳмадро (дар мавзуи «Амсиласозии математикии марҳилаҳои ҳаёт ва таҳқиқи компютерии динамикаи солонаи популятсияи оилаи занбӯри асал») шунида ва баррасӣ намуда,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Гузориши муовини ректор оид ба илм ва инноватсия С.М. Сафармамадзода дар хусуси тағйири мавзуъ ва тасдиқ намудани мавзуи рисолаи доктории номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи информатикаи факултети механикаю математика Саидзода Исроил Маҳмад ба инобат гирифта шавад.
2. Мавзуи рисолаи доктории Саидзода И.М. «Амсиласозии математикии марҳилаҳои ҳаёт ва таҳқиқи компютерии динамикаи солонаи популятсияи оилаи занбӯри асал» тасдиқ карда шавад.
3. Мушовири илмии мавзуи рисолаи доктории Саидзода И.М. доктори илмҳои физика ва математика, профессор Комилиён Ф.С. таъин карда шавад.
4. Назорат ва иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Сафармамадзода С.М. вогузор карда шавад.

Раиси Шуро Хушвахтзода Қ.Х.

Котиби Шуро Солеҳзода Г.Д.